# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “16” 07 соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М.- аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким 31-уми июли соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким соли 2005 ба собиқ Филиали донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи инноватсия ва технологияи рақамии Тоҷикистон) дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2010 аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Номбурда аз соли 2020 то соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дар кафедраи молияи рақамӣ ва аудит, блокчейн-технологияҳои таҳлилии додаҳои Донишгоҳи инноватсия ва

технологияи рақамии Тоҷикистон таҳсил карда, онро аз рӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм кардааст.

Шарифзода Г. фаъолияти омӯзгории худро аз соли 2011 оғоз намуда, аз соли 2022 то ин ҷониб ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Пеш аз оғози марҳалаи унвонҷӯӣ, баъди хатми филиали донишгоҳи номбурда фаъолияти омӯзгории худро дар кафедраи молия ва қарзи Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, баъдан, аз соли 2018 то соли 2020 ба ҳайси ноиби ректор оид ба тарбия, таблиғот ва масоили иҷтимоӣ дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ фаъолият намудааст. Инчунин аз соли 2020 то соли 2022 ба вазифаи Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб кор ва фаъолият кардааст. Ҳамзамон, аз соли 2020 то 2025 ба ҳайси Вакили Маҷлиси вакилони халқии вилояти Хатлон интихоб шудааст. Аз 28-уми ноябри соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи ва роҳбари илмии Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи инноватсия ва технологияи рақамии Тоҷикистон санаи 31-уми январи соли 2020, суратҷаласаи №6/3 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Шариф Раҳимзода, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 04 марти соли 2021 бо баҳои хуб ва аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 05 марти соли 2022 бо баҳои аъло дар Донишгоҳи инноватсия ва технологияи рақамии Тоҷикистон ва дар таърихи 04 майи соли 2025 имтиҳонҳои минимуми номзадии ихтисосро бо баҳои аъло дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида, соҳиби Шаҳодатномаи №114 аз 12 ноябри соли 2025 гардидааст.

## *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, дотсенти кафедраи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.